**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ номзади илмҳои филологӣ Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович ба диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, - Душанбе, 2024. -167 с.**

Дар шароити кунунӣ, ки бар пояи осори алоҳида таҳқиқ намудани вижагиҳои марҳилаи муайяне аз давраи амалкарди забон умумият пайдо кардааст, “Ахлоқи муҳсинӣ” аз ҷумлаи кутуби маъруфи замони худ буда, имрӯз низ шуҳрати он коста нашудааст. Ба муҳаққиқони забоншинос маълум аст, ки дар замони муосир яке аз масъалаҳои ниёзманди таҳқиқ ва баҳсноки забони тоҷикӣ омӯзиши вижагиҳои хосси забони тоҷикӣ дар мароҳили муайяни таърихӣ мебошад, ки дар ин замина интихоби “Ахлоқи муҳсинӣ” ҳамчун намунаи боризи забон ва осори асри XV барои таҳқиқи забоншиносӣ хеле мувофиқ ва амри зарурӣ дониста мешавад. “Ахлоқи муҳсинӣ” яке аз асарҳои машҳури воизи давр Ҳусайни Кошифӣ мебошад, ки дар боби ахлоқ навишта шудааст. Асари мазкур аз ҷумлаи осори машҳури ахлоқӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Бо вуҷуди ин шуҳрату мақому манзалат, бори аввал аст, ки забони ин асар мавриди пажуҳиш қарор мегирад ва дар ин замина, хеле аз вижагиҳои луғавӣ ва сарфии асри XV муқаррар ва баррасӣ карда мешавад. Дар забоншиносии муосир бисёре аз масоили марбут ба калимасозӣ, тарзи ифода дар ҳазораи охири ташаккули забони мо то кунун ҳалталаб боқӣ мондааст. Таҳқиқоти мазкур ҳамчун намунае дар бораи роҳҳои калимасозӣ, тарзи ифода ва сохти грамматикии забони адабии тоҷикӣ дар асри XV маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат сабабҳо ва хусусиёти грамматикии калимасозӣ, иборасозӣ, ҷумласозӣ дар шакли масъалаи муҳимме, ки ниёз ба таҳқиқ ва таҳлилу баррасии илмӣ дорад, боқӣ мемонад.

Бо назардошти нукоти ироагардида мавзуи мунтахаби диссертант Абдураҳмонова Нилуфар таҳти унвони “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” масъалаи муҳим ва иқдоме шоисата дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ мебошад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳоест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар дар он зуҳур меёбад, ки натоиҷи онро метавон дар тартиб додани луғатҳои тафсирӣ, тарҷумавӣ ва калимасозии забони тоҷикӣ ва ҳамчунин, дар таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва сохтмони забони адабии муосири тоҷикӣ истифода кард. Маводи аз ин таҳқиқ бадастомада метавонад дар макотиби олӣ зимни таълими курси луғатшиносӣ, морфология, синтаксис ва хондани семинарҳо ва курсҳои махсуси марбут ба марҳилаи инкишофи забони адабии тоҷикӣ дар замони темурӣ ва истиқлол истифода шавад.

Ҳадафи диссертатсияи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои грамматикӣ ва луғавию синтаксисии забони адабии тоҷик дар мисоли маводи "Ахлоқи муҳсинӣ" мебошад. Барои муайян намудани хусусиятҳои грамматикии забони замони Темуриён ҳамчун марҳилаи алоҳида диссертатсияи мавриди назар аз манбаъҳои арзишманд ба шумор меравад. Рисоланавис барои расидан ба мақсади пешбиникардаи худ масоили марбут ба хусусиёти луғавию морфологии калима ва категорияҳои алоҳидаи онро аз назар гузаронида, дар таҳлили маводи гирдомада ва низомманд гардонидани маводи луғавии асар, таснифи луғавӣ ва морфологии ҳиссаҳои нутқи таркиби асар, таҳлил ва таснифи синтаксисии ибора ва ҷумлаҳои матни мавриди назар, нишон додани дараҷаи истеъмоли ҳиссаҳои нутқ, навъҳои ибора ва ҷумла, нишон додани омилҳои забонӣ барои муассирии сухан кӯшиш ба харҷ додааст, ки то кунун оид ба ин масоил таҳқиқи амиқе анҷом дода нашудааст. Дар ин асос мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро мубрам метавон арзёбӣ кард.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он хулоса шудааст, ки бори аввал забони матни яке аз асарҳои ахлоқии серхонанда ва машҳуру маъруфи замони Темуриён, ки дар замони муосир низ аз шуҳрати он чизе коста нагардидааст, аз нигоҳи забоншиносӣ мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор дода шуда, дар диссертатсия ба таври мушаххас бори нахуст ба таҳлили системавию амиқи хусусиятҳои фарққунандаи забонии матни "Ахлоқи муҳсинӣ" аз дигар осор пардохта шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** аз он маълум мегардад, ки диссертант ҳангоми таҳқиқ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони маъруфи ватанию хориҷӣ истифода кардааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дар умум, аз дақиқияти илмӣ, мутобиқат намудани ҳаҷми рисола, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва

интихоби дурусти методҳои таҳқиқ пурра маълум мегардад. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ равшан гардидааст.

**Аҳаммияти назарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад,** ки мавод ва натиҷаи таҳқиқоти мазкур метавонад дар мураттаб сохтани қонунмандиҳои низоми услубии забони тоҷикӣ ва таърихи ташаккул ва рушди он ва ҳамчунин, омӯхтани давраҳои алоҳидаи рушди забони тоҷикӣ муфид воқеъ гардад. Хулосаҳои назариявии кори таҳқиқотиро метавон дар тавзеҳоти луғавӣ-грамматикӣ ва сохтории грамматикаи марҳилаи темурӣ дар давраи нави ташаккули забони адабии тоҷикӣ ва муқобалаи он бо маводи забонии осори асрҳои моқабл ва мобаъд истифода кард. **Маводи интишоргардида** мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таълифи диссертатсия нишон медиҳад.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии "Ахлоқи муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима ба таври мухтасар дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмии макотиби касбии олӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, маводи кори таҳқиқотӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда,** ки дар ҳақиқат, дар илми забоншиносии тоҷик аҳаммияти махсус доранд, ҳамчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия, сохтори диссертатсия маълумоти муфид дода шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Вижагиҳои луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ»»** ном дорад, аз шаш фаслу се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввал, ки **масоили умумиро** дар бар мегирад, қайд мегардад, ки забоншиносон ба таҳқиқи осори манзуму мансури гузашта беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар ин фасл аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ адибу олими забардаст, ки бо таълифи осори гаронбаҳои худ дар таърихи илму фарҳанги асри XV тоҷик нақши назаррас дорад, ёд мешавад. Доир ба мавзуи ахлоқ, ки мазмуни асосии «Ахлоқи муҳсинӣ» мебошад, тавсифи он дар фарҳанги ниёгон собиқаи хеле қадима дошта, ҳанӯз дар китоби «Авесто» ба нуктаҳои муҳимму асосии ин мавзуъ ишораҳо дида мешавад ва аз мавзуъҳои забонзада аст, аммо онро Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо тарзу услуби

нисбатан тоза, бо забони хеле фасеҳу дилнишин, мутобиқ ба шароити нав баён кардааст, ки тозагиҳои зиёде дорад. Оид ба хусусиятҳои бадеӣ ва ҳунари нависандагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ қайд карда мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик дар сатҳи як мақолаи профессор Д. Хоҷаев «Баъзе вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ», таҳқиқе анҷом дода нашудааст" (автореф. саҳ. 8).

Фасли дувуми боби якуми диссертатсия - «**Лексикаи аслӣ ва иқтибосии арабӣ**» доир ба таркиби луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ» - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ сухан меравад, ки мутобиқи таҳлилҳои ин фасл иқтибосоти арабӣ дар асар нуфузи бештар дорад, чаро ки дар асри XV насри такаллуфӣ идома дошт, вале муаллифи «Ахлоқи муҳсинӣ» кӯшиш кардааст, ки бештар аз калимоти аслии тоҷикӣ, ки оммафаҳмтар мебошанд, истифода барад.

Ҳамин тариқ, дар фаслҳои баъдӣ категорияҳои луғавӣ: муродифот, омонимҳо, мутазодҳо, истилоҳот, ибораҳои фразеологӣ бо назардошти дараҷаи истифодаи онҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби дувуми диссертатсия **«Вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ»»** ном дошта, аз се фаслу ҳафт зерфасл таркиб ёфтааст. Дар фасли дуюми ин боб, ки **«Исму сифат ва вижагиҳои онҳо дар «Ахлоқи муҳсинӣ»** ном дорад, доир ба хусусиятҳои сарфии исму сифат мисолу далелҳои мушаххас оварда шудаанд. Масалан, дар фасли «Хусусияти дастурии ҷамъбандии исм дар «Ахлоқи муҳсинӣ» дар бораи масъалаи ифодаи мафҳуми ҷамъ, ки дар асар аз тарзу роҳҳои гуногуни ҷамъбандии исм истифода гардидааст, баҳс меравад. Дар асар яке аз пасвандҳои ҷамъсози исм пасванди «он» мебошад, ки хеле серистеъмол аст. Дар ин фасл қайд шудааст, ки: «Ҳусайн Воизи Кошифӣ вобаста ба лаҳзаи тасвир, моҳияту мазмуни матн аз роҳҳо ва гунаҳои воситаҳои ҷамъбандӣ бо камоли ҳунар истифода карда, ҷаззобияти асарро таъмин намудааст» (дис., саҳ. 59).

Дар фаслҳои баъдӣ хусусиятҳои калимасозии анвоъи исму сифат ва феъл ба тартиб матраҳ ва баррасӣ шудаанд.

Дар боби севуми диссертатсия **«Вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»»** баррасӣ шудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар созмондиҳии воҳидҳои наҳв низ дасти тавоно доштааст ва дар «Ахлоқи муҳсинӣ» аз тамоми хели ибораҳо бо камоли ҳунар истифода кардааст. Ибораҳои ин асар ба навъҳои ибораҳои исмӣ, ибораҳои сифатӣ, ибораҳои шуморавӣ, ибораҳои ҷонишинӣ, ибораҳои феълӣ тасниф ва таҳлил гардидаанд. Дар корбурди ҷумла бошад, услуби хосси нигориши муаллифи «Ахлоқи муҳсинӣ», яъне пас аз хабар овардани мафъули бавосита (пуркунандаи бавосита) низ аз равишҳои маъмул ва писандидаи адиб дониста шудааст.

Вижагии дигари наҳвиёти ҷумлаҳои содаи «Ахлоқи муҳсинӣ» дар корбасти аъзоҳои чидаи ҷумла мушоҳида шуд. Муаллиф барои шумури аъзои чида ҳамоҳангию ҳамвазнии онро риоя менамояд, ки дар натиҷа шукуҳу шаҳомати суханаш таъмин мегардад ва таъсири он дучанд мешавад. Мисол: Тоати гӯш истимои калом ва ахбору қисаси акобирон ва панду насоҳеи машоих ва аҳли яқин аст (7).

Дар услуби нигориши муаллифи «Ахлоқи муҳсинӣ» вижагии дигари наҳвӣ ин аст, ки муаллиф ягон мафҳумро (хоҳ моддӣ, хоҳ маънӣ) бо чандин таркибу ибора, ҷумлаи содаю мураккаб шарҳ дода, муҳимтарин маъноҳои он мафҳум, ки дар зоти ин ё он калима ниҳон аст, ошкор гардида, ниҳоят, бо як байт ё қитъае ҷамъбаст карда мешавад.

Дар ҳамин боб пас аз таҳлилҳо диссертант ба ин натиҷа мерасад, ки «Дар «Ахлоқи муҳсинӣ» нисбат ба ҷумлаи содаю мураккаб бартарии банди наҳвӣ баръало мушоҳида мешавад ва ин хусусияти наҳвии асар ба мавзуъ ва муҳтавои он вобаста мебошад, зеро «Ахлоқи муҳсинӣ» асари ахлоқӣ буда, он тақозо менамояд, ки ба ҳар мафҳуму категорияи ахлоқӣ таърифи мушаххасу густурда дода шавад ва барои таъсирбахшу эътимоднок будани таърифҳо далелу асноди мушаххас оварда шавад ва ин ҳама дар маҷмуъ наметавонад, ки дар як ҷумлаи сода ё мураккаб баён шавад» (дис., саҳ. 145).

**Дар хулосаи диссертатсия** ба тариқи фишурда натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст, ки он ифодакунандаи хусусиятҳои умумии забони “Ахлоқи муҳсинӣ” мебошад.

Дар анҷоми диссертатсия феҳристи адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда, оварда шудааст, ки феҳрист мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муқарраршуда мураттаб гардидааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ таълиф шуда, бандубасти мавод дар бобҳо ва фаслҳо мантиқан мураттаб ва пайдарҳам оварда шудааст.

Натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия ва автореферат бо мулоҳизоти боэътимод асоснок шудаанд.

Дар қатори муваффақиятҳо дар диссертатсия ва автореферат якчанд норасоиҳо низ дида мешавад, ки зикри онҳо ҷиҳати ислоҳ арзиши илмии диссертатсияро боло хоҳад бурд:

1. Дар бахши дарачаи таҳқиқи мавзуъ забоншиносони маъдуде аз забоншиносони даврони классикӣ, аз қабили Шамс Қайси Розӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва забоншиносони замони Шуравӣ С. Айнӣ, Л. Тушишвили, Л.П. Смирнова ва забоншиноси замони истиқлол профессор Д. Хоҷаев ва корҳои марбут ба мавзуи онҳо ёдовар шудаасту халос, дар ҳоле ки дар зерфасли чаҳоруми боби севум беш аз даҳ нафар олимро бо зикри таҳқиқотҳои илмии марбут ба мавзуъ нишон медиҳад. Агар муҳимтарин корҳои таҳқиқотии марбут ба забону услуб ва луғоти осори алоҳида ё марҳилаи алоҳида навишта шуда дар муқаддимаи кор зикр мегардид, беҳтар буд. Баъзе корҳои алоқаманд ба мавзуъ (Камолиддинов Б., Қосимов О., Камолова Г....) дар феҳрист ёд шудаанд, аммо дар муқаддима ишорае ба онҳо нашудааст.

2. Дар муқаддима агар ақаллан як сархат доир ба нусхаҳо, нашрҳо, арзиши илмӣ-забонии “Ахлоқи муҳсинӣ” маълумот дода мешуд, сифати кор беҳтар мегардид.

3. Дар саҳифаи 39 сухан бо такя ба “Авасто” дар бораи вожа-истилоҳоти маъмурӣ-идорӣ меравад, вале робитаи он бо асар ва мавзуи баррасишаванда нишон дода намешавад.

4. Баъзан дар сархатҳои алоҳида (саҳ. 40, 41, 49) нуқсони услубӣ ба назар мерасад ва каломи бадеӣ бо воҳиди фразеологӣ ва ибораи маҷозии бадеӣ омехта карда шудаанд. Ё чанд ҷумлаи маҷозӣ-бадеӣ дар саҳифаҳои 42 ва 43 ба унвони воҳиди фразеологӣ нишон дода шудаанд, мисли “Гарди хиҷолат ба сафҳаи аҳвол нишастан”; “Занги ғафлат аз оинаи хотир зудудан”; “Мурғи дили халқро ба ҳукми карам сайд кардан”; “Шишаи дили касеро ба санги ҷафо шикастан”; “Пушти дасти ҳасрат ба дандони ҳайрат газидан”; “Ба қадами карам висоҳи (хонаи) касеро мушарраф сохтан”.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизе коҳонад. Бино бар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд, иттилои арзишмандеро дар бораи хусусиёти забонии “Ахлоқи муҳсинӣ” ироа намоянд. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи номзадии Абдураҳмонова Нилуфар кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, мувофиқ мебошад.

Фишурдаи рисола ва силсилаи мақолоте, ки унвонҷӯ марбут ба мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Бино бар ин, диссертатсияи номзадии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевнаро ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯйи тахассуси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор ба дараҷаи илмӣ медонем.

**Муқарриз:**


Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Раҳмонов Б.Н.

Суроға: 734025, ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: (+992) 938701720
E-mail: zobit@list.ru


Имзои дотсент Раҳмонов Бахтиёр
Нурмаҳмадовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим


**Суроға:** 734025, ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефон: (+992-37) 224-13-83.
E-mail: ddot@tgpu.tj.


«6» апрели соли 2024